№8989/13.3 аз 11.06.2019

Мақомоти ҳудудии андоз

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иттилои Шумо мерасонад, ки вақтҳои охир мурочиатҳои зиёди шахсони воқеӣ - супорандагони андозҳо аз молу мулки ғайриманқул оиди дар сатҳи дахлдор ба роҳ намондани коргузорӣ дар мақомоти ҳудудии андоз вобаста ба ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо аз молу мулки ғайриманқул ба Кумитаи андоз, ворид гардида истодааст.

Натиҷаи барррасии мурочиатҳо ва корҳои таҳлилию назоратии гузаронидашуда дар ин самт нишон медиҳад, ки новобаста аз дуруст ба роҳ мондани раванди маъмурикунонии андозҳо аз молу мулки ғайриманқул таҳияи барномаи алоҳида ва тадбирҳои дар ин самт фароҳамовардашуда, ҳоло ҳам кормандони шуъбаҳои ташкили андозбандӣ аз шахсони воқеӣ дар самти таҳия ва дастрас намудани огоҳиномаҳо ба суроғаи соҳибмулкон аз шакли қоғазии он истифода намуда, бо истифода аз ин тартиб ба соҳибмулкон огоҳиномаҳо дастрас карда мешавад, ки ҳолати мазкур боиси нигаронӣ ва ташвишҳои зиёди соҳибмулкон гардида истодааст

Омӯзиш ва баррасии огоҳиномаҳои ирсолгардида ба суроғаи соҳибмулкон нишон медиҳад, ки мазмун ва муҳтавои огоҳиномаҳои ирсолшуда ба талабот ҷавобгӯ набуда, ҳолатҳои такроран ирсол намудани огоҳиномаҳо ба як суроға ва ҳамзамон ба суроғаи андозсупорандагоне, ки аз ҳисоби андозҳо аз молу мулки ғайриманқул дар назди буҷет дар асл қарздор намебошанд, хусусан хизматчиёни давлатӣ зиёд ба назар расида, дар огоҳиномаҳои ирсолшуда навиштаҷот «бо худ овардани РМА, ҳуҷҷатҳои техникӣ ва расидҳои пардохти бонкӣ барои солҳои қаблӣ» қайд шуда, дар дигар маврид расидҳои пардохтнамудаи соҳибмулкон сари вақт дар барномаи компютерӣ ба ҳисоб гирифта нашуда, бе таҳлили пешакӣ ва суроғаи соҳибмулкон огоҳиномаҳо ирсол карда мешавад.

Ҳамзамон, натиҷаи таҳлилҳои гузаронидашуда ва баррасии мурочиатҳо дар ин самт нишон дода истодааст, ки новобаста аз қатъ гардидани истифодаи расид ҳамчун ҳуҷҷати ҳисоботаш қатъии шакли 3Ф,

дар мақомоти ҳудудии андоз ҳоло ҳам дар баъзе аз шаҳру ноҳияҳо ҷамъоварии маблағи андозҳо аз молу мулки ғайриманқул ва қитъаҳои замин аз ҷониби ҳисобчӣ-хазинадори ҷамоатҳои деҳот амалӣ гардида истодааст.

Бинобар ин, бо мақсади дуруст ба роҳ мондани маъмурикунонии андозҳо аз молу мулки ғайриманқул, пешгирии қонуншиканиҳо, дурустии ҳисоб ва пардохти андозҳо ва татбқи пурраи барномаи компютерӣ дар ин самт мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд:

1. Доир ба тартиби ҳисоб ва пардохти маблағи андозҳо аз молу мулки ғайриманқул нақша-чорабинҳо доир ба гузаронидани вохурӣ ва корҳои фаҳмондадиҳӣ таҳия намуда, ҳар як корманди мутасаддӣ вазифадор карда шаванд, ки аз рӯи минтақаи вобасташуда дар ҳар як ҷамоати деҳот, шаҳрак, кӯча ва маҳалла миёни соҳибмулкон корҳои фаҳмонадиҳӣ гузаронида, нигоҳдории протоколҳои семинар машваратҳоро дар парвандаҳои алоҳида таъмин намоянд.
2. Ҷамъоварии маблағи андозҳо аз объектҳои молу мулки ғайриманқул ва қитъаҳои замини шахсони воқеӣ танҳо аз ҷониби кормандони мақомоти андоз амалӣ гардида, аз ҷониби ҳисобчӣ-хазинадори ҷамоатҳои деҳот ҷамоварии андозҳои мазкур қатъиян манъ мебошад.
3. Қабл аз таҳия ва ирсол намудани огоҳиномаҳо ҳолати қарздорӣ ва рафти иҷрои уҳдориҳои андозии соҳибмулконро бо истифода аз махзани маълумотҳо ва дигар маълумотҳои дар мақомоти андоз мавҷудбуда муайян намуда, баъдан ба суроғаи онҳо огоҳиномаҳо ирсол карда шавад.
4. Минбаъд огоҳиномаҳо доир ба пардохти маблағи андозҳо аз объектҳои молу мулки ғайриманқул ва қитъаҳои замини шахсони воқеӣ ба суроғаи соҳибмулкон бо истифода аз шакли мувофиқашуда тибқи барномаи компютерӣ ирсол карда шавад.
5. Ирсол намудани огоҳиномаҳо бидуни тартиби муқарраршуда қатъиян манъ буда, дар сурати ошкор ва муайян гардидани огоҳиномаҳо бидуни тартиби муқарраршуда ба суроғаи соҳибмулк дастрасгардида нисбати шахсони мутасаддӣ муҷозоти қатъии интизомӣ то озод намудан аз мансаби ишғолнамуда татбиқ карда мешавад.

Ҳамзамон, мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки мактуби дастурии мазкурро бо иштироки ҳамаи кормандони шуъбаҳои ташкили андозбандӣ аз шахсони воқеӣ баррасӣ намуда, онҳоро бо мактуби мазкур шинос карда, нусхаи протоколи ҷаласаро то санаи 01.07.2019 ба Кумитаи андоз ирсол ва иҷрои бандҳои онро аз ҷониби кормандони зертобеъи худ таҳти назорати бевосита қарор диҳанд.

Раис Н. Давлатзода